Аз чизҳое, ки баъд аз марги худ бар шумо метарсам, ин аст, ки дарҳои зебоӣ ва зинатҳои дунё ба рӯи шумо кушода шаванд

Аз Абусаъиди Худрӣ (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки гуфт: Рӯзе Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бар минбар нишаста буд, мо низ дар атрофи ӯ нишаста будем. Фармуданд: "Аз чизҳое, ки баъд аз марги худ бар шумо метарсам, ин аст, ки дарҳои зебоӣ ва зинатҳои дунё ба рӯи шумо кушода шаванд". Марде гуфт: Эй Расули Худо! Оё хайр, шар меоварад? Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хомӯш монд. Ба он мард гуфтанд: Чӣ шудааст туро? Бо Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ҳарф мезанӣ, дар ҳоле ки ӯ бо ту ҳарф намезанад? Мо дидем, ки бар ӯ ваҳй нозил мешавад. Баъд аз он Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) арақи худро пок карда, фармуд: "Саволдиҳанда куҷост?", гӯё ӯро таъриф кард. Сипас фармуд: "Хайр ҳаргиз шар намеоварад. Ва аз он чи баҳори сабз мерӯёнад, баъзан мекушад ё наздик ба ҳалокат мекунад, ҷуз ҳайвоноте, ки хӯроки сабзи нарм мехӯранд, онҳо мехӯранд то ду паҳлӯяшон варам кунад, баъд ба сӯи офтоб рӯ меоранд ва наҷосат меандозанд, пешоб мекунанд ва боз чаро мекунанд. Ин мол низ сабзу ширин аст. Чӣ хуб моле аст барои мусалмон, агар онро ба мискин, ятим ва мусофир диҳад — ё чунон ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуд — аммо касе, ки онро ба ғайри ҳақ мегирад, мисли касест, ки мехӯрад ва сер намешавад. Ва он мол дар рӯзи қиёмат бар ӯ гувоҳ хоҳад буд."

[Саҳеҳ] [متفق عليه]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) рӯзе бар минбар нишаста буд ва бо саҳобагони худ сухан мегуфт. Фармуд: Бештарин чизе, ки пас аз худ бар шумо метарсам ва аз он ҳаросонам, ин аст, ки баракатҳои замин, зебоии дунё, зинат ва ҷилои он ба рӯи шумо кушода шавад. Чизҳое аз навъҳои неъматҳо, либосҳо, зироатҳо ва дигар чизҳое, ки мардум бо зебоии онҳо фахр мекунанд, бо вуҷуди он ки умрашон кӯтоҳ аст. Марде гуфт: Зебоии дунё неъмати Худост. Оё мешавад, ки ин неъмат табдил ба азоб ва бало гардад? Мардум он саволдиҳандаро маломат карданд, зеро диданд, ки Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хомӯш монд ва гумон карданд, ки ӯро ранҷонд. Сипас равшан шуд, ки бар Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ваҳй нозил мешуд. Пас ӯ арақро аз пешониаш пок кард ва фармуд: Саволдиҳанда куҷост? Он мард гуфт: Ман ҳастам. Он гоҳ Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) Худовандро ҳамду сано гуфт ва сипас фармуд: Хайри ҳақиқӣ ҷуз хайр намеоварад. Аммо ин зебоии дунё (шукуфа) хайри маҳз нест, зеро инсонро ба фитна, рашк, рақобат ва машғул шудан ба дунё водор мекунад, то ин ки аз рӯ овардан ба охират боз монад. Сипас барои ин мисол оварда, фармуд: Набототи баҳор ва сабзии он, ки навъи гиёҳест, ки чорво онро бо иштиҳо мехӯрад, аммо аз пурхӯрӣ дучори бадҳазмӣ мешавад ё ба дами марг мерасад. Ҷуз он чорпоёне, ки гиёҳони сабзро мехӯранд, онҳо мехӯранд то

паҳлуҳои шикамашон пур шавад, пас рӯ ба офтоб меоранд, наҷосати нарм ва пешоб мекунанд, баъд чизеро, ки дар шикамашон аст боло мекашанд, онро хойида боз фурӯ мебаранд ва баъд боз ба чаро бармегарданд. Зеро ин мол монанди гиёҳи сабзу ширини баҳор аст, агар онро бисёр бихӯрӣ, метавонад бикушад ё ба ҳалокат наздик созад. Аммо агар инсон танҳо ба қадре аз он бигирад, ки ниёзи ӯро бартараф мекунад ва аз роҳи ҳалол ба даст меояд, ба ӯ зарар намерасонад. Ва чӣ некӯ моле аст барои мусалмон, агар аз он ба мискин, ятим ва мусофир диҳад. Касе, ки онро ба ҳаққи худ мегирад, Худованд барояш баракат медиҳад. Аммо касе, ки онро ба ғайри ҳақ мегирад, мисли касест, ки мехӯрад, вале сер намешавад ва он мол дар рӯзи қиёмат бар зарари ӯ гувоҳӣ медиҳад.

http://sunnah.global/hadeeth/tg/show/4180